## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Расулзода Рухсора зери унвони “Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сиёсати забонӣ як рукни муҳимми сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар пайи он зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ корҳои зиёде ба сомон расонида шудаанд. Масалан, эълон доштани “Соли забони тоҷикӣ”, таъсиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар таҳрири нав қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигар ташаббусҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки таваҷҷуҳи давлату хукумат ва хосатан Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба сиёсати забонӣ ва мавқеи забон ҳамчун як рукни муҳимми фарҳанги миллӣ дар ҷомеаи имрӯза мусбат аст.

Мусаллам аст, ки баъд аз соҳибистиқлолӣ имкониятҳо дар роҳи таҳқиқи масоили мубрами илмҳои ватанӣ фароҳам омад ва дар пайи чунин шароити мусоид ҳамасола пажуҳишҳои судманди илмӣ ва қобили таваҷҷуҳ зиёд шуда истодаанд. Аз он ҷумла, дар самти таҳқиқи масъалаҳои забоншиносӣ ва мавқеи сиёсиву иҷтимоии забон дар ҷомеа таҳқиқотҳои илмие рӯйи кор омада истодаанд, ки, дар маҷмуъ, муҳиммияти мавҷудияти забонро ба сифати унсури давлатсозу миллатсоз тасдиқ менамояд. Аз зумраи чунин пажуҳишҳои судманду саривақтӣ таҳқиқоти илмии Расулзода Р. бо номи “Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он” мебошад, ки бо риояи талаботи корҳои илмӣ таълиф гардидааст.

Диссертатсия аз бобҳои назариявию амалӣ, панҷ фасл, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳои илмӣ мураттаб гардида, дар қисмати муқаддимаи он мубрамияти интихоби мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, аҳаммияти назариявию амалӣ ва навгонии таҳқиқоти дисертатсионӣ нишон дода шуда, таъкид мегардад, ки пажуҳиши мазкур дар илми сиёсатшиносии тоҷик яке аз иқдомҳои нахустин ба ҳисоб меравад ва дорои як қатор навгониҳои тоза мебошад.

Дар боби аввали диссертатсия зери унвони “Сиёсати забонӣ унсури муҳимми рушди давлатдории миллӣ” ба масъалаҳои худшиносии миллӣ дар заминаи донистан ва риояи меъёрҳои забони давлатӣ таваҷҷуҳ шудааст. Муаллиф дар пояи таҳлили ҷанбаҳои гуногуни сиёсати забонии давлат таъкид менамояд, ки забон дар ҳама давру замон воситаи асосии

ташаккулёбии ҳувияти гурӯҳӣ ва меъёри асосии худшиносӣ ба шумор меравад. Он дар ҳама марҳилаҳои таърихӣ тавонистааст, ки мавҷудияти давлату миллатро таъмин намуда, болотар аз ин, тоҷику Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ бо беҳтарин анъанаҳои фарҳангиву иҷтимоӣ ва таърихӣ муаррифӣ намояд. Сиёсати забонӣ маҷмуи чорабиниҳое мебошад, ки барои нигаҳдошт ва тағйир додани вазъияти забонӣ дар кишвар равона шуда, он ҳамеша зери назорат ва пуштибонии бевоситаи Ҳукумати кишвар қарор дорад.

Дар боби дуюми диссертатсия – "Ҳадафҳо ва самтҳои инкишофи сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ба масъалаҳои сиёсати давлатии забонӣ дар Тоҷикистон ва масъалаҳои технологияи сиёсии татбиқи онҳо, сиёсати забонӣ ҳамчун яке аз унсурҳои таркибии инкишофи иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ ва мақому нақши Истиқлоли сиёсӣ дар таҳкими сиёсати давлатии забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ гардида, дарёфти роҳу воситаҳои зиддиятҳо ва муқовиматҳои эҳтимолӣ дар ин самт ба риштаи таҳлил кашида шудаанд. Дар зимн ба ҳама ҷанбаҳое, ки ба сиёсати забонии давлат дахл доранд, таваҷҷуҳ шуда, зикр мегардад, ки Истиқлоли сиёсӣ дар ташаккул ва рушди сиёсати забонӣ такони ҷиддӣ бахшид. Дар ин давра як қатор чорабиниҳои сатҳи давлатӣ роҳандозӣ гардиданд, ки дар ниҳоят ба устувор гардидани пояҳои сиёсати забонӣ оварда расониданд. Дар маҷмуъ, сиёсати имрӯзаи забонии Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон сиёсати муваффақ номид, зеро он дар пояи арзишҳои фарҳангиву сиёсӣ ва иҷтимоиву миллӣ шакл гирифта, нишон аз уствории сиёсати давлатӣ мебошад.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷагириҳо аз таҳқиқот мушаххасан оварда шуда, тавсияҳои амалии унвонҷӯ дар роҳи танзиму таҳкими сиёсати забонии кишвар хеле саривақтӣ ва суманд мебошанд.

Бешубҳа, диссертатсияи Расулзода Рухсора зери унвони "Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он" кори таҳқиқотии анҷомёфта мебошад. Муаллиф дар заминаи таҳлили маводи фаровони илмиву сиёсӣ тавонистааст, ки ба ҳалли илмии мавзуъ даст ёбад ва сохтори онро вобаста ба талаботи корҳои илмӣ мураттаб созад. Бо вуҷуди афзалиятҳои болозикр ҳангоми мутолиаи автореферати диссертатсия баъзе камбудиву норасоиҳо ба чашм хӯрданд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор ҳоҳад буд. Аз қабили:

1. Хуб мебуд, агар дар қисмати "Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ"-и муқаддимаи автореферат муаллиф аз асари дуҷилдаи Пешвои миллат – "Забони миллат – ҳастии миллат", бештар ёдовар мешуд, зеро ин китоби мондагор дар таҳкими сиёсати имрӯзаи забонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи меҳварӣ дорад.

2. Ба назари мо, қисмати “Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо” дар автореферат муфассал буда, дар таносуб бо бобу фаслҳо хеле васеъ мебошад.

3. Автореферати диссертатсия аз ғалатҳои имлоиву китобат ва техникӣ орӣ нест ва ба таҳрири забонӣ ниёз дорад.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Расулзода Рухсора зери унвони “Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он” ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ сазовор мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи адабии муосири
тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Дӯстзода Ҳ.Ҷ.

Имзои Дӯстзода Ҳамрохон Ҷумъаро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: 221-77-11, 904.41-84-80.
E-mail: dustov.hamrokhon@mail.ru
Сомонаи расмӣ:www.tnu.tj

«25» майи соли 2024